# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

Муҳтавои рисолаи илмии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” ба шиноснომаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: аз он ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – «Назария ва консепсияи таълим» (қонкниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; фардикунонӣ ва тафриқаи таълим; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқат дорад.

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он маҳсуб мегардад, ки масъалаи таҳқиқнамудаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон яке аз мавзуъҳои ҳалталаби педагогикаи замони нав маҳсуб меёбад. Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ ва таҳқиқоти худ муаллифи диссертатсия қайд намудааст, ки давраи таҳсил дар мактаби ибтидоӣ дар ташаккул ва таҳкими тандурустии мактаббачагон мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Бад шудани вазъи тандурустии мактаббачагон, ки дар солҳои охир мушоҳида карда мешавад, таваҷҷӯҳи бештар ва андешидани чораҳои мушаххасро барои тақвият ва таҳкими он талаб мекунад. Омили ҳалкунанда, ки ба вазъи тандурустии кӯдакон, ҳамчунин ба муҳити атроф таъсир мерасонад, муҳити мактаб мебошад. Афзоиши сарбории кории таълим дар мактаб мушкилоти тандурустии хонандагони хурдро боз ҳам шадидтар кардааст. Тибқи таҳқиқотҳои муҳаққиқони рус (Н.В.Баришев, И.И.Брехман, В.В.Колбанов, В.П.Петленко ва ғ.) ба тандурустии хонандагон таъсири зиёд расонида мешавад: ғайрифаъол

будан, зиёд шудани сарбории таълимӣ, камғизоӣ ва риоя накардани меъёрҳои гигиенӣ, рӯшноӣ ва ғайра, ҳамчунин иттилооти нокифоя дар бораи тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакон, омӯзгорон ва падару модарон, фаъолияти ғайриқаноатбахши мактаб дар ташаккули фарҳанги солим.

Маълум аст, ки тандурустӣ ҷузъи муҳимтарини беҳбудии инсон, хушбахтӣ, аз ҳуқуқҳои асосии инсон, шартҳои рушди муваффақонаи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар мебошад.

Тандурустии аҳолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ, санитарӣ ва гигиении кишварро инъикос мекунад ва ба шиддатнокии пешрафти он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, тандурустӣ хислати сифатии ҳама гуна ҷомеа мебошад.

Бо мақсади ҳалли мушкилотҳои мазкур дар дар ҷомеаи мутамадин баробари соҳаҳои зарурии ҳаёт, дар назди таълимгоҳҳо ва шуроҳои педагогӣ талабот ва вазифаҳои нав гузошта шудааст, ки ба тарбияи насли муосири шоиста вобастагӣ дорад.

Муаллиф хеле бамаврид таъкид кардааст, ки манбаъҳои психологӣ ва педагогӣ натиҷаҳои раванди таълимро, ки мавқеи фаъоли ҳаётро дар робита ба тандурустӣ ҳамчун арзиш муқаррар менамояд, ҷамъбаст намекунад ва ба таври кофӣ таҳлил намекунад, мундариҷаи мафҳуми «фарҳанги тандурустӣ» ва марҳилаҳои ташаккули он дар хонандагон пурра ошкор карда нашудааст.

Мазмуни мафҳуми «тандурустӣ» аз ҷониби олимону муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи маърифат маънидод карда шудааст ва тавассути низоми мафҳумҳо: «тандурустии ҷисмонӣ», «тандурустии равонӣ», «тандурустии иҷтимоӣ», «тарзи ҳаёти солим», «омилҳои тандурустӣ» ва дигарон ошкор карда шудааст ва ин нишон медиҳад, ки проблемаи ташаккули тарзи ҳаёти солим муносибати низомнокро тақозо мекунад.

Мақсад аз андешаҳои дар боло зикрёфта далел бар онанд, ки мавзуи ҷиҳати таҳқиқоти рисолаи илмӣ интихобнамудаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар педагогикаи муосир мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас, ҷавонони кишвар ва дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Абдусамадзода Б.А. аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳо муҳими таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир, заминаҳои назариявии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Абдусамадзода Б.А. дар раванди таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои мубрамеро вобаста ба мавзӯи диссертасия ба нақша гирифта, дар бартараф намудани онҳо то ҷое ба ҳадаф расидааст. Аз он ҷумла:

- зарурати таҳияи низомии интегралии ташаккули ТҲС дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва набудани технологияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ барои ноил шудан ба ҳадаф муайян ва асоснок намудааст;

- огоҳии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз марҳилаи ибтидоии ташаккули сифатҳои муҳим ва набудани таҳқиқоти психологию педагогӣ, ки хусусият ва ҷанбаҳои ташаккули ТҲС-и хонандагони синфҳои ибтидоиро ба таври кофӣ ошкор месозад, пажуҳиш намудааст;

-дарачаи коркарди илмии технологияи ташаккули ТҲС дар байни хонандагони синфхои ибтидоӣ ва маҳорати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалияи муассисаҳои таълимӣ пешниҳоди худро манзур кардааст.

Аз ин дидгоҳ, таҳқиқоти мазкур ниҳоят мубрам ва тибқи ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ намудан мумкин аст.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:***

Қабл аз ҳама, қайд намудан ба маврид аст, ки эътимоднокӣ ва дар бар гирифтани ҳамаи ҷанбаву паҳлуҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия, вазифаҳо ва фарзияи илмии онро муаллиф ба инобат гирифтааст. Натиҷаҳои диссертатсия арзёбӣ гардида таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронидаи Абдусамадзода Б.А. ҳамзамон хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ собит бар онанд, ки муаллиф ба ҳадафи гузоштаи худ расида, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо иҷро намудааст ва дар итминон фарзияи илмии пешниҳод намудаи муаллиф дар амал тасдиқи худро ёфтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот илман асос ёфта, баҳсталаб арзёбӣ намегарданд. Чунки таҳқиқоти диссертатсионӣ бо назардошти таҳлилу баррасии амиқ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии манзур намуда, далели онанд, ки воқеан муаллиф тавонистааст:

-ҳифзи тандурустӣ ва такмилдиҳии дониш, маҳорату малакаҳои нав, ки дар раванди таълими фанҳо, корҳои беруназсинфии мусоидаткунанда бе шаклгирии тарзи ҳаёти солим муайян карда шудаанд;

-технологияи баландбардории фарҳанги тандурустӣ ва донишҳои валеологии волидон пешниҳод гардид;

-вазнинӣ ва такмилдиҳии ҳаракаткуниҳо, ки он ба дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ роҳандозӣ гардида, хусусияту имконият, тансиҳатӣ ва шавқу рағбати ҳар як кӯдак ба ҳисоб гирифта мешавад ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар корҳои озмошӣ озмуда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ ва озмоишӣ масъалаҳои мубрами соҳаи педагогика роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир, таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври аниқу дақиқ коркард шуда навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд, ки тариқи зайланд:

1) воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир таҳқиқу таҳлил ва коркард карда шуданд;

2) моҳияти таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ асоснок карда шудаанд;

3) маҷмуи қисматҳои асосии банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард карда шудаанд;

4) натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба вориднамоии технологияҳои муҳити тандурустӣ дар раванди таълим, муайян ва бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст;

5) нақша оид ба роҳу усулҳои таъмини муҳити тандурустӣ таҳия ва барои дастрасӣ ба устодони муассисаҳоии таълимӣ манзур шудааст;

Аз тарафи муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя нуктаҳои илмии мазкур пешниҳод шуда натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ноил гардидаро барои баррасӣ муаррифӣ намуда, мундариҷа ва муҳтавои илмии таҳқиқоти мазкурро дарҷ намудаанд:

-ТҲС - ин сифати маҷмуии сохтори шахсияти хонанда дар марҳилаи ибтидоии таълим мебошад, ки дар он хонандагон ва омӯзгорон як қатор омилҳои муҳими ташаккул, таҳким ва ҳифзи саломатии худро истифода мебаранд, ки аз шаклҳои амалии рафтор ва дониши назариявӣ, ки дар навбати худ ба ҳалли вазифаҳои рӯзмарра, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар шароитҳои барои саломатӣ мувофиқтар мусоидат мекунанд;

- Амсилаи консептуалии баланд бардоштани омодагии хонандагон дар марҳилаи ибтидоии таълими тарғиби ТҲС дар фаъолияти худ таҷассуми сохторе дониста мешавад, ки аз муносибати пурмазмун ба ТҲС, малакаҳои амалӣ ва донишҳои назариявии ҳифз ва нигоҳдории онҳо иборат аст. Ин равиш ба таври сохторӣ тавассути ҷузъҳои аз ҷиҳати ҳавасмандкунанда арзишманд, зеҳнӣ ва функсионалӣ пешниҳод карда мешавад;

- технологияҳои иҷтимоию педагогии ташаккули ТҲС-и хонандагон дар марҳилаи ибтидоии таълим аз маҷмуи чорабиниҳои мақсаднок ва пайвастаи ташаккули ТҲС иборат аст, ки аз таъсири мутақобилаи субъектҳои раванди педагогӣ, аз ҷумла воситахои илмӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо умуман ба баланд бардоштани омодагии хонандагон ба тарғиби ТҲС нигаронида шудаанд;

-раванди барқарорсозӣ ва ташаккули ТҲС таъминоти таълимӣ ва методиро дар бар гирифта, ба мақсад мувофиқ аст, ки низоми мувофиқи раванди таълим, аз мавҷудияти донишҳои мунтазам оид ба ТҲС иборат буда, тарғиби ТҲС, технологияҳои махсуси таълиму тарбияи насли наврасро ба роҳ монад.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:***

Самти назариявии таҳқиқот комилан асоснок карда шуда, тибқи таҳлили адабиёти илмӣ дар самти педагогика ва психология, методикаи таълим, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот итмион бахшиданд.

Муаллифи рисола тавонистааст, масъалаҳои мубрами ин самт банақшагирии технологияи муҳити тандурустӣ барои хонандагони

синфҳои ибтидоӣ, таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар хонандагон ҳамчун масъалаи педагогӣ, роҳҳо ва воситаҳои таъмини муҳити тандурустӣ ва тарзи ҳаёти солим дар мактаби муосир, на танҳо аз таҷрибаи олимони хориҷӣ, инчунин аз назари олимону пажӯҳишгарони варзидаи кишвар ҳамаҷониба аз худ намуда, таҳлил ва коркард кунад. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ манзур намуда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар мулоҳизаҳои воқеъбинонаро пешниҳод намудааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои кордкард намудаи муаллифро асосу далеланд.

Дастовардҳои таҳқиқот аз методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ манша гирифта, таҷрибаи педагогии муаллиф ҳамчун устоди Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ки мувофиқ ба мақсад, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мебошанд, баррасӣ карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, ҷаласаҳои кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими донишгоҳи мазкур, инчунин дар мизҳои мудавари ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ муҳокима ва мавриди озмоиш қарор дода шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ ва муҳтавои диссертатсия дар семинару конференсияҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2017-2022 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишкадаи менеҷмент ва технологияи инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб баргузор гардиданд, баррасӣ гардида интишор шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

Самтҳои илмӣ ва амалии таҳқиқот аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотхулоса баровардан мумкин аст, ки нуктаҳои зерин коркард шуданд:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба таблиғи тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;

- проблема ва асосҳои назариявию амалии истифодаи тарзи ҳаёти солим дар таълимгоҳ муайян ва коркард карда шудаанд;

- самаранокии нақшаи пешниҳодшуда оид ба истифодаи тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи синфҳои ибтидоӣ собит шудаанд;

- тавсияҳои муассиру дар асоси озмоиш санҷидашуда пешниҳод карда шудааст, ки ба ташаккули солимии хонандагон дар раванди таълиму тарбияи хонандагон, маҳорату малакаҳои онҳо мусоидат менамояд;

- натиҷаҳои амалии таҳқиқот ва истифодаи тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи нақшаи тарбиявӣ ва мазмуни фаъолияти педагогӣ нисбати таълиму тарбияи хонандагон, таҷдиди назар шаванд;

- тавсияҳои методии таҳияшуда, такмили раванди таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо истифода аз тарзи ҳаёти солим таъмин хоҳанд кард;

- инчунин тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва олии касбии равияи омӯзгоридошта, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони макотиби олии кишвар ва таҳияи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода шаванд.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:***

Дастовардҳои ноилгардидаи диссертатсия дар мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методӣ, конференсияҳои илмию амалии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баргузор шуда ироа ва баррасӣ гардиданд, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 10 мақолаҳои илмӣ аз он ҷумла 5 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсия дар онҳо дарҷ гардидааст.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия ба манфиат хоҳад анҷомид:

1. Агар дар боби дуюми рисола муҳаққик мавриди саннҷиши озмоишӣ кор бо оиларо низ дар таъмин намудани муҳити тандурӯстӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ворид карда, натиҷагирӣ менамуд, аҳамияти илмию амалии таҳқиқот бештар меафзуд.
2. Дар рӯйхати адабиёти истифодашуда якчанд сарчашмаҳое ҷой дода шудаанд, ки аз як траф, ба мавзуи диссертатсия алоқамандӣ надоранд, аз ҷониби дигар, аз онҳо дар тащцицот истифода нашудаанд.
3. Хуб мешуд, агар дар ҷадвалҳои дар қисмати таҷрибавь-озмоишии диссертатсия дар баробари инъикоси сатҳи тағйирот дар ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон теъдоди хонандагон нишон дода мешуд.
4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳи онҳо арзиши рисоларо комилтар месозад.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро коста намегардонанд.

# ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.
2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.
3. Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидой”, ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Сабурӣ Х.М.

**Маълумот барои тамос:**
Шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбекова, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73, +992 92 847 76 07; Почтаи электронӣ: saburov.67@mail.ru

*Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ
ба номи академик Б. Ғафуров” Наврӯзов Э.М.*